***ТДУ 378.1(581)***
***ТКБ 66.75***

***НИГОҲЕ БА ТАҲАВВУЛОТИ МАОРИФИ МУОСИРИ АФҒОНИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2001-2016***

***Шарифов Раҳмоналӣ Ятимович,*** *д.и.т., профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;* ***Кӯшо Фаҳим,*** *докторанти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон(Тоҷикистон, Душанбе)*

***ВЗГЛЯД НА ЭВОЛЮЦИЮ ОБРАЗОВАНИЯ В АФГАНИСТАНЕ В 2001-2016 ГГ.***

***Шарипов Рахмонали Ятимович,*** *д.и.н., профессор Таджикского национального университета;* ***Кушо Фахим,*** *докторант Таджикского национального университета (Таджикистан, Душанбе)*

***A LOOK AT THE EVOLUTION OF EDUCATION IN AFGHANISTAN (2001-2016)***

***Sharipov Rahmonali Yatimovich*** *Dr. of History, Professor, of the Tajik National University,*
***E-mail*** *rahmon6060@ mail.ru;* ***Kusho Fahim****, doctoral student of the second year of the history faculty under the Tajik National University (Tajikistan, Dyshanbe),*
***E-mail****: fahimkosha171@ gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Афғонистон, конститутсия, маориф, мактаб, Созмони Милали Муттаҳид, ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ*

*Мақола ба тавсифи умумии таҳаввулоти маорифи Афғонистон дар солҳои 2001-2016 бахшида шудааст. Тазаккур меравад, ки ҷангҳои хунин ва бо сиёсатҳои гуногун печидаи Афғонистон воқеан ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ин кишварро хароб кард, аммо бо ин ҳама ҳукумати вақти Афғонистон барои рафъи рукуд ва эҳёи зерсохтори низоми маориф талошҳои пайваста зоҳир менамуд. Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар охири асрҳои XX ва ибидои асри XXI низоми маорифи Афғонистон сол аз сол рушд менамуд. Қайд мешавад, ки низоми маорифи муосир, ба монанди системаи сохторӣ ва мухолифати дохилии кишвар аз лиҳози таърихӣ зери таъсири муҳофизакории суннатӣ (давомнок) ва арзишҳои гузашта, рушд намудааст. Ба вижа нуфузи ислом дар низоми таълими анъанавии Афғонистон, ки аз ҷониби ашхоси диндор эҷод шудааст, дида мешуд. Аз ин рӯ, маорифи муосир бартарафсозии маърифати анъанавиро фарз менамуд ва мутобиқи шароити муосир амал мекард. Низоми маорифи муосири Афғонистон дар ташаккули зайнҳо (омӯзгорон), намояндагони табақаҳои миёна ва болоии кишвар, табақаи зукаи кишвар (мулкӣ ва низомӣ), пешвоён ва фаъолони ҳизбу созмонҳои сиёсӣ ва ғайра нақши муҳим дорад. Фаъолияти онҳо дараҷа ва мундариҷаи таҳсилоти муосир ва ҷаҳонбинии онҳоро инъикос мекард.*

***Ключевые слова:*** *Афганистан, Конституция, Закон об образовании, школа, ООН, ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ*

*В статье описывается общее развитие образования в Афганистане в 2001-2016 гг. Отмечается, что кровавая и сложная борьба за спасение в Афганистане действительно разрушила социальную и культурную жизнь, но продолжающиеся усилия афганского правительства по обращению вспять стагнации социальных институтов ценностей и механизмов человеческой деятельности привели к реальному (объективному) научному анализу в конец двадцатого и двадцать первого веков. Подчеркивается, что в 2001-2016 гг. система образования Афганистана постепенно развивалась, кроме того, как структурная система страны и внутренняя оппозиция она исторически выросла под влиянием традиционного (долгосрочного) консерватизма и ценностей, унаследованных от предков. В частности, влияние ислама, на основе которого строилась традиционная система образования в Афганистане. Следовательно, современность предполагает устранение традиционных знаний и действует в соответствии с современными условиями. Современная система образования Афганистана играла важную роль в формировании зайнов (учителей), представителей среднего и высшего классов страны, класса зука страны (гражданского и военного), лидеров и активистов политических партий и организаций и т.д Их работа отражают уровень и содержание современного образования и их мировоззрение.*

***Key words:*** *Afghanistan, Constitution, Education Law, School, United Nations, UNESCO, UICEF, student*

*The article describes the general development of education in Afghanistan in 2001-2016.The bloody and complex struggle for survival in Afghanistan has really ruined social and cultural life, but the continuous efforts of the Afghan government to overcome the stagnation of the revitalization of the infrastructure of social institutes of values and the mechanism of human activity require a real (objective) scientific analysis at the end of the XX and XXI centuries. Afghanistan's education system has grown over the years. The modern education system, like the composite system and the internal opposition of the country, its historical growth is under the influence of traditional (continuous) traditional conservatism (antiquity) and the values of the past. Especially the influence of Islam, which has established the traditional education system of Afghanistan by religious people. Seen at the beginning of the XXI century. Therefore, the contemporary contemporary incorporates the eliminations of traditional knowledge and adapts and acts in accordance with contemporary conditions. Afghanistan's modern education system plays an important role in the formation of Ziains (educators), representatives of the middle and upper classes of the country, the country's Zooka class (civilians and military), leaders and activists of political parties and organizations, and so on. Their activities reflect the degree and content of modern education and their worldview.*

Низоъҳои пуршиддат ва тӯлонии солҳои 70-уми асри XX ва ду даҳсолаи асри XXI дар Афғонистон боиси харобии соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ гардид. Кӯшишҳои пайдарпайи ҳокимияти вақт барои баромадан аз бӯҳрон ва эҳёи ниҳодҳои муосир равона карда шуда, арзишҳо ва фаъол кардани механизмҳои қишрҳои ҷомеа таҳқиқи воқеии илмии ҷомеаи кишварро тақозо мекард [25,с.33]. Бе рушди маориф ва пурқувват намудани ба ниҳодҳои омӯзишӣ пешрафта давлатро тасаввур намудан ғайри имкон аст.Ҳамчунин омӯзиш ва таҳқиқи таърихи маорифи Афғонистон аз он ҷиҳат муҳим аст, ки доираҳои ҳукмрони вақти мамлакат ҳокимияти худро вориси қонунии даҳсолаи демократияи солҳои 1964-1973 ва ба пурагии давра то соли 1978 маҳсуб медонист[2,с.12]. Аз ҳолати бӯҳрони шадиди сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ берун кашидани кишвар талошҳои зиёдеро тақозо дошт.Аз ҷумла, солимгардонии вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ аз сатҳи саводнокии аҳолии кишвар низ пайвастагӣ дошт.

Аз ин рӯ таҳлили вазъи низоми маорифи муосири Афғонистон, ҳамчун низоми мураккаб бо назардошти аносири зиддиятноки дохили ихтилофҳои ҷомеа ташкил ва таҳаввулоти таърихии он пайваста зери таъсири сохторҳои анъанавӣ ва кӯҳнапарастии иҷтимоию сиёсӣ, маънавӣ, маданӣ, меъёрҳо ва арзишҳо ба амал омадааст, воқеан дар ҷомеаи кишвари исломӣ, таъсири пурқувват дорад[16, с.36].Дар шароити онрӯза низ шумораи зиёде аз руҳониён ва муллоҳо барои устувории низоми анъанавии маориф кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Натиҷааш он аст, ки шумораи масҷидҳо ва мадрасаҳо дар Афғонистон ба зиёда аз 60 ҳазор расида ва дар муқоиса бо шумораи мактабҳои, ки шумораи онҳо дар соли 2016 ба 17600 мерасад, мавриди қиёс аст. Ин низом бо тағирпазирии зиёд маҷбур буд, ки унсурҳои маорифи анъанавиро дар бар гирифта, онро дигаргун кунад ва ба талаботи замони муосир мутобиқ карда шавад[15,с.17].

Низоми маорифи асрии мамлакат дар тарбияи зиёиёни имрӯза, намояндагони табақаҳои миёна ва болоӣ, роҳбарон, ходимони фаъоли ҳизб, созмонҳо, иттиҳодҳои ҷамъиятӣ ва сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши ҳалкунанда дошт. Фаъолияти рушди иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо аз бисёр ҷиҳат сатҳу мазмуни маориф ва ҷаҳонбинии муосирро инъикос мекард[21,с.26].

Таҳқиқи таърихии мушаххаси низоми маорифи Афғонистон имкон медиҳад, ки тамоюл ва хусусиятҳои муҳими ихтилофи сохторҳои анъанавӣ ва муосирро дар шароити мушаххаси таърихӣ нишон додааст. душворӣ ва далелҳои бухронӣ, иштибоҳ ва амали фоҷиавии онҳо дарк ва фаҳмида шавад. Омузиши амалӣ ва назариявии рушди маорифи асрӣ имкон медиҳад, ки унсурҳои аҳамиятнок ва офаранда муйян гардида дар шароити асри XXI омӯхта ва такмил дода шаванд[15, с.44].Таҳқиқи комплексии низоми маориф дар ҷомеаи Афғонистон ба вуҷуд овардани лавҳаи мукаммали рушду таҳаввул ва густариши он дар шароити имрӯз барои доираҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва илмии кишварҳои ҳамсоя монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил бо назардошти робитаҳои зичи ҳам ҳудудӣ ва ҳам умумияти этникии маънавӣ диққатҷалбкунанда мебошад[2, с.9].

Раванди душвори тавлид, ташкил ва рушди маорифи асрии Афғонистон дар мисоли мамлакати ақибмонда нишон медиҳад, ки аҳамияти минтақавӣ ва умумии таърихӣ доштааст[24, с.5].

Сабабҳои асосии боздоштани рушди низоми маорифи Афғонистон ғайр аз низоъҳои сиёсии дохилӣ ва заифии бахши иҷтимоӣ ва иқтисодӣ инчунин дар унсурҳои анъанавии фарҳангии ҷомеа ҷустан лозим аст. Махфӣ нест, ки Афғонистон кишвари аграрӣ буда, танҳо 10% аҳолии ин

мамлакат дар бахши саноат банд ҳастанд. Афғонистон давлатест, ки дар он қавм ва халқиятҳои зиёд зиндагӣ мекунад, ки ҳар яке аз онҳо барои мавҷудият ва нигоҳдоштани фарҳанги бумии худ мубориза мебаранд. Ҳамчунин заъфи рушди маорифи асрӣ бо решаҳои амиқи таърихӣ дар қаъри ҷомеаи анъанавӣ ҷойгир аст, алоқаманд мебошад[23,с.16].

Барои ҳар як давлат мутахассиси касбӣ дар низоми идорӣ, маҳкама, ҳокимияти иҷроия, иқтисодиёт, васоити ахбори омма, омӯзгорон зарурат аст, ки Афғонистон низ истисно нест, ки бо мутахассисон таъмин намудани ин соҳаҳои муҳими стратегидоштаи давлат бояд шароити мусоидро муҳайё кунад[23,с.31].

Талаботи зарурӣ он аст, ки шуури муосир (модернизасияшуда ва ратсионалӣ)-и табақаи камшумори ашхоси маълумотнок ва шуури оммавии шахшудамондаи аксари аҳолии Афғонистон фаъол карда мешуд. Заъфи ашхоси камсавод боиси зиёд ва фаъол гардидани диндорон, таъсири зиёди руҳониён бахусус муллоҳои рустоиро гардид[15,с.12] .Дар ин маврид ниҳодҳои иҷтимоӣ ва зерсохтори асосии он муассисаҳои таълимӣ: ибтидоӣ, мутавассита, сонавӣ, маслакӣ ва олӣ ки дар тарбияи касбии насли ҷавон саҳмгузор аст, пурқувват карда мешуд[20,с.27]. Дигар омили ақибмонӣ дар рушди низоми маорифи асрӣ дар Афғонистон ин ҷойгиршавии номутаносибии муассисаҳои маълумоти олӣ дар вилоятҳои мамлакат буд.Дар натиҷаи ҷойгиркунонии номутаносиб дар низоми маориф аз рӯи нишони минтақавӣ солҳои тулонӣ боқӣ монад ва то имрӯзҳо ба тартиб даровaрда нашудааст, ки дар ибтидо афроди сиёсии роҳбарикунанда мактабҳои олиро дар пойтахт шаҳри Кобул бунёд намудаанд. Дар навбатии дувум дар назардошта буда, ки мактабҳои олӣ дар шаҳрҳои Қандаҳор, Балх ва Ҳирот ҷойгир карда мешуданд[21, с.44]. Ин амал солҳои зиёд идома ёфт. Вале имрӯзҳо мактабҳои олии хусусӣ ҳарчанд бо кадрҳои болаёқат таъмин нестанд дар бештари вилоятҳои Афғонистон фаъолият доранд[21, с.16]. Бояд таъкид кард, замони мавриди пажӯҳиш ки дар Афғонистон аз нигоҳи сохтори сиёсӣ ҷумҳурии буд, раванди гирифтани маълумоти анъанавии динӣ то имрӯзҳо идома дошта, аз ин рӯ дарк намудани гузариш аз маълумоти анъанавӣ ба маълумоти муосир на танҳо аҳамияти таҳқиқотӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад[24,с.28]. Мавриди зикр аст, ки яке аз дигар асароти манфии таҳаввулоти сиёсӣ дар ҷомеаи Афғонистон низоми золимӣ ва ваҳшатбори “Толибон” аст, ки дар соҳаи маориф садди роҳи таҳсили занон ва духтарон дар мактабҳои ибтидоӣ ва гирифтани таҳсилоти олӣ гардидаанд. Аз ин рӯ бештар интиқодҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва сокинони Афғонистон бар ҳукумати “Толибон” на танҳо дар барномаҳои сиёсии онҳо буд, балки дар бахшҳои таълиму тарбияро фаро мегирифт. Фаъолияти сиёсӣ зери созмонҳои СММ дар эҷоди сохторҳои идории кишвар муаррифӣ ва ҷобаҷо кадрҳои Афғонистон нақши таъин кунанда дошт[7,с.17]. Дар ин бобат ҳамкории созмонҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ бо Афғонистон барои таъмини амният ва истиқрори сулҳ барои беҳбудии давлати поядор тақвияти ҳокимияти миллӣ ва нақши роҳбарии афғонҳо дар кишвар якҷояшавӣ ба паймонҳои ҷаҳонӣ барои сулҳ мувофиқатномаҳо ва протоколҳо ба ҳадафи маъмурият ва пешбурди фаъолонаи сиёсати хориҷӣ дониста мешавад. Ҳамчунин ҳимоят аз созмону муассисаҳо ва ниҳоди байналмилалӣ, талош барои бартараф шудани таҳдид аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дар конфронсҳои байналмилалии моҳи январи соли 2010 Дар Лондон, моҳи июли ҳамон сол дар шаҳри Кобул ва моҳи июни соли 2012 дар шаҳри Токио, ки дар робита ба Афғонистон баргузор гардиданд, дар мавриди эҷоди амнияту осоиш ва оромӣ, тақвияти ниҳодҳои демократӣ ва таъмини устувории ҳокимияти маҳаллӣ муҳим дониста мешаванд[14,с.41].

Таъкид бояд кард, ки самараҳо ва натиҷаҳои ин ҳама таҳаввулоти сиёсӣ дар кишвари Афғонистон ҳамла ба мактабҳо бахши дигари аз силсилаи амалиётҳои алайҳи афроди ғайринизомӣ буд, ки мутаасифона дар солҳои охир борҳо такрор шудааст. Дар бисёр ҳолат мавзӯи дорупошии захрӣ, яъне беҳуш кардани духтарҳо дар мактабҳо низ мисол шуда метавонад. Соли 2010 бархе ҳамлаҳои мусаллаҳона ба муаллимон ва шогирдон ва қазияи тезпошӣ аз ҷониби гуруҳи ҳаросатгаронаи “Толибон” дар мактабҳои шаҳри Қандаҳор сурат гирифт[18,с.10]. Дар натиҷаи ин ҳамлаҳои террористии соли 2016 сесад нафар донишомӯз ва муаллимон дар нуқоти мухталифи Афғонистон ҷони худро аз даст доданд[2,с.12].

Ҳамчунон дар ҷараёни ин ҳамлаҳои ифротгароӣ сеюним миллион кӯдак ба сабаби ноамнӣ аз таҳсил маҳрум шудааст. Бо гузориши вазорати маориф дар соли 2016 сеюним миллион шогирд дар Афғонистон аз бахраи омӯзиш махрум ҳастанд, ки 75% аз онҳоро духтарон ташкил медоданд. Ҳудуди 1200 мактаб дар бахшҳои гуногуни кишвар бо сабаби ноамнӣ аз фаъолият боз монда, тибқи таҳлилҳо дар саросари кишвар дар соли 2016 чаҳорсад мактаб баста шудааст, ҳамчунон бинобар изҳороти сухангӯи вазорати маориф ҳудуди 300 мактаб низ кушода

шудааст[20,с.33]. Мавриди зикр аст, ки дар солимгардонии вазъи маорифи Афғонистон дар солҳои мавриди таҳқиқ ёрии созмонҳои байналмилалӣ низ муҳим аст. Пас аз он, ки дар Афғонистон идораи давлати муваққатӣ дар соли 2001 таъсис дода шуд, Шӯрои амнияти СММ барои таъмини амнияти қувваҳои (ISAF) ро эҷод кард[15,с.12].

Барои ба эътидол овардани низоми маорифи Афғонистон созмонҳои байналмилалӣ махсусан Бунёди байналмилалии омӯзиши кӯдакони вобаста ба СММ-ЮНИСЕФ аз тариқи таъмини ёрии техникӣ ҳимояти молӣ ба хотири дастгирии рушди маориф кӯмак намудааст. Нақшаи стратегии панҷсола дар самти маориф, ки онро давлат таҳия намудааст, дар амалӣ намудани он кӯмакҳои молӣ ва техникӣ аз ҷониби ЮНЕСКО расонида шудааст, нақшаи номбурда ба сурати возеҳ нишон медиҳад, ки масъали дастрасӣ ба маориф ва сифати онро баробар бо ҳадафҳои инкишофии муосир мушаххас мегардид[10,с.21].Новобаста ба ин дар соҳаи маориф мушкилоти зиёде боқӣ буд.Нарасидани китобҳои дарсӣ, норасоии муаллимони мутахассис дар Афғонистон, камбуди биноҳои таълим ва ғайраҳо мушкилоти умдаи соҳаи маорифи ин кишвар дониста мешуд. Ҳамин тавр ҷиҳатҳои мусбат ва манфии маорифи Афғонистонро дар солҳои 2001-2016 метавон чунин хулоса кард: Баъд аз таҳким ва истиқрори давлати Афғонистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ алалхусус Қонуни асосӣ мувофиқ бо арзишҳои миллӣ ва давлатӣ таҳия ва тасдиқ шудааст. Соли 2009 дар заминаи Қонуни асосӣ, Қонуни маориф таҷдиди назар гардидааст. Ҳамчунон санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маориф бо дар назардошти стандартҳои байналмилалӣ таҷдиди назар шуданд. Дар асоси Қонуни маориф шумули хонандагон ба муассисаҳои таълимӣ ба таври иҷборӣ ва ройгон ба роҳ монда шуда буд. Ғайр аз ин як қатор муассисаи таълимии хусусӣ таҳти назорати маориф ба фаъолият оғоз кардад, бо фароҳам сохтани низоми қонунгузорӣ, кафолати сармояи хориҷии Вазорати маориф бо як қатор созмони байналмилалӣ созишномаҳо ва тафоҳумномаҳо ба имзо расонда, ки соҳаи маорифро маблағгузорӣ намуданд[22,с.9]. Давлат ва Вазорати маориф барои бартарфсозии норасоии муассисаҳои таълимӣ ва таъмиру барқарорсозии мактабҳои хароб шуда имкони иқтисодӣ надорад. Аз ин рӯ ба имзо расонидани созишномаҳо ва тафоҳумномаҳо бо як қатор созмонҳои байналмилалӣ аз қабили: ЮНИСЕФ, ЮНЕСКО, Бонки ҷаҳонӣ, USAID ва ғайра ҷиҳати дарёфти маблағҳои қарзӣ ва гарант барои бартарфсозии мушкилоти мавҷуда иқдом намуда буданд. Қисме, ки дар соли 2001 дар кишвари Афғонистон 3400 муассисаи таълимӣ вуҷуд доштанд, вале дар соли 2016 таъдодашон ба 17600 муассисаи таълимӣ расидааст. Бо кумакҳои созмонҳои байналмилалӣ Вазорати маорифи Афғонистон ҷиҳати такмили ихтисоси муаллимон ва кормандони соҳаи маориф бо таъсиси муассисаҳои тарбияи муаллим ва аз тариқи созишномаҳои расмӣ бо миёни Вазорати маориф ва Вазорати таҳсилоти олии кишвар аз соли 2001 то соли 2016 барномаҳои такмили ихтисосро татбиқ ва амалӣ намудааст. Дар ҷараёни солҳои таълимии таҳлилшаванда бо 297 муассисаи тарбияи муаллим тавассути 20302 устоди муассисаи тарбияи муаллим ва 11850 муаллим мактабҳои меёнангӣ дарсҳои омӯзишии такмили ихтисоси хешро бар асоси барномаҳои стротигии миллии маориф ва лоҳияҳои ин Вазорат фаро гирифта шуда буд[18,с.22].Дар натиҷаи талошҳои Вазорати маориф ва ҷалби институтҳои маблағдеҳ сатҳу сифати таълиму тарбия дар макотиби Афғонистон сол ба сол рӯ ба беҳбудӣ овард. Маҳз дар заминаи бунёду баркрорсозӣ, таъмини пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва таъмини хонандагон ба маводи дарсӣ ва истифода аз шеваву методҳои дарсии замонавӣ дар сатҳу сифати таълиму тарбия тағйироти чашмгир ворид гардида буд [22,с.13].

Бо кумакҳои созмонҳои байналмилалӣ Вазорати маорифи Афғонистон ҷиҳати такмили ихтисоси муаллимон ва кормандони соҳаи маориф бо таъсиси муассисаҳои тарбияи муаллим ва аз тариқи созишномаҳои расмӣ миёни Вазорати маориф ва Вазорати таҳсилоти олии кишвар аз соли 2001 то соли 2016 барномаҳои такмили ихтисосро тадбиқ ва амалӣ намуда буд. Дар ҷараёни солҳои таҳлилшаванда бо 297 муассисаи тарбияи муаллим тавассути 2302 устод 110850 муаллим дарсҳои омӯзшии такмили ихтисоси хешро бар асоси барномаҳои стротегии миллии маориф ва лоиҳаҳои ин Вазорат фаро гирифта буд[10,с.21].

Бо далели идома ёфтани таҳдидҳои амниятӣ норасоии муассисаҳои таълимӣ, камбудии маводи омӯзишӣ ва муаллимони маслакӣ (тахассусӣ), бахусус аз табақаи занон дар соҳаи маориф мушкилиҳои зиёде ба назар мерасид. Дар соли 2016 тибқи гузориши Вазорати маорифи Афғонистон 11,5 миллион шогирд сабти ном шуданд, ки 9,38 миллиони онҳо ба таълим фаро гирифта шудаанд ва 2,12 миллионашон ғайриҳозир ҳастанд, яъне дарвозаҳои мактабҳояшон бар асари норомӣ банд шудаанд. Аз ин бармеояд, ки фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ, бахусус созмонҳои байналмилалии сулҳхоҳ дар дастрасии кудакон ба маорифи асрӣ ва рушду

инкишофи соҳаи маорифе, ки ҷомеаи Афғонистон интизор дошт, натоиҷи дилхоҳ ба даст наомадааст[16,с.2].Норасоии муассисаҳои таълимӣ ва зери хаймаву хонаҳои кироя, синфхонаҳои вайрону валангор ба таҳсил фаро гирифтани шогирдон мушкилии дигари маориф ба ҳисоб мерафт. Дар ин самт як қатор лоиҳа бо созмонҳои байналмилалӣ таҳия ва имзо гардиданд, вале ҷараёни татбиқи онҳо мушкилоти зеринро ба миён овард. Сари вақт пардохт накардани маблағҳои муқарраргардидаи созмонҳои байналмилалӣ, раванди тӯлонии омодагиҳои корӣ, камбудии зарфияти техникӣ дар барномаҳо, надоштани кормандони техникӣ, вазъи иқлимӣ, масоили ҳуқуқиву адлиявӣ ва амниятӣ, дар мӯҳлати муайяншуда амали нагардидани лоиҳаҳои татбиқшаванда ва ғайра[16,с.12]. Бо талошҳои ҷиддии Вазорати маориф ва созмонҳои байналмилалӣ номгӯи зиёди китобҳои дарсӣ ба табъ расидаанд, вале ҳанӯз ҳам норасоии китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ мушоҳида мегардид. Дар муассисаҳои таълимии давлатӣ китоб ба шакли ройгон ба хонандагон дастрас мегардид. Аммо дар фарҷоми сол хонандагон китобҳоро ба таври комил ба мактаб барнамегардонанд. Беназоратии масъулин ва волидайн боис мегардад, ки китобҳои дарсӣ фарсуда ва сол ба сол теъдодашон кам гардида, ҷиҳати бознашри китобҳо мушкилоти бузургеро барои Вазорати маориф ва хонандагони солҳои баъдӣ ба бор меоварад. Ин раванд ба сатҳу сифати дониши хонандагон таъсири манфӣ гузошта буд[20, с.13].Аксарият созмонҳои байналмилалӣ мутобиқи созишномаҳои имзогардида фаъолият накарданд. Махсусан, лоиҳаҳои баимзорасида ва маблағҳои ҷудогардида пурра ба манфиати маориф сарф нагардидабуд[16,с.7].

Ҳамин тавр таҳлили умумии мавзӯии маорифи асрии Афғонистон дар ибтидои асри XXI имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои заиф ва мусбати раванди гузариш ба маорифи замонавӣ муайян карда шуда, нақши низоми маорифи асрӣ дар таъмини ягонагии сиёсӣ ва қавмии мамлакат муайян карда шавад. Омӯзиши таърихи сиёсати давлат дар соҳаи маориф рушди марҳила ба марҳилаи он имкон медиҳад, ки вазъи маънавии ҷомеа дар пурагӣ ба раванд додани таҷриба мувофиқ аз як насл ба насли дигар арзёбӣ карда шавад.

Дар солҳои мавриди тадқиқ бо вуҷуди мушкилоти айниву зеҳнӣ маорифи Афғонистон рӯ ба беҳбуд ниҳода буд. Мушкилоти мавҷудаи соҳаи маориф зина ба зина ва марҳила ба марҳила ҳалли худро меёфт. Аммо, бояд қайд кард, ки вазъи маорифи Афғонистон, пас аз ба сари қудрат омадани Толибон дар моҳи августи 2021, ба куллӣ тағйир ёфт, ки доираи баҳси ин мавзӯъ тадқиқи алоҳидаеро тақозо мекунад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Аҷмир, Ғулом Муҳаммад. Ҷанг алайҳи маориф/М.Ғ.Аҷмир.-Пишовар, 2004.- 213с.
2. Андешманд,Муҳаммад Икром.Маорифи асрии Афғонистон.- Кобул, 2011,- 403 с.
3. Аймоқ, Ҳабибурраҳмон. Таърихи маорифи Афғонистон./ Ҳ. Аймоқ.- Кобул, 2008,- 464 с.
4.Асрат, Муҳаммад Ҳусайн. Вазъияти таълиму тарбия дар Афғонистон/ М.Ҳ. Асрат.- Кобул, 2010.-38 с.
5.Аҳмадӣ, Вардак. Сайри таърихии маорифи Афғонистон/В.Аҳмадӣ.– Кобул, 2016.-343 с.
6.Вафоӣ Шокир. Бузургтарин рӯйдодҳои се даҳаи ахир дар Афғонистон/ Ш. Вафоӣ.- Пишовар, 2007.-250 с.
7.Ваҳдат, Содиқ. Афғонистон пас аз ҳаводиси 11 сентябр/ С. Ваҳдат.- Кобул, 2005.-155 с.
8.Вазорати маориф. Қонуни маорифи Ҷумҳурии исломии Афғонистон, таҷдиди дувум.- Кобул, 2007.- 88 с.
9.Вазорати маориф. Гузориши пешрафти иҷрооти солонаи маори]/ Кобул, 2016.-54 с.
10.Вазорати маориф. Тафоҳумномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати маориф ва Бонки ҷаҳонӣ//Маориф. 2002.-4 август(№ 244).
11.Вазорати адлияи аморати исломии Афғонистон//Рисолат.- 2001.- № 796. -С.13.
12.Гупол, Шармо. Муовини ЮНЕСИФ дар Афғонистон, дар Конфронси матбуотии дафтари СММ дар Афғонистон аз 20.4.2009 [манбаи электронӣ] https://unama.unmissions.org/sites/default/files/old_dnn/UNAMA/Press%20Conferences/UNAMA%20PRESS (санаи истифодабарӣ: 07.08. 2019).
13.Комгор, Муҳаммад Ҷамил. Таърихи маорифи Афғонистон/М.Ҷ.Комгор.-Кобул, 2008.- 222с.
14.Ғафурӣ, А.С.Нигоҳе ба ҳадафҳои хасмонаи Толибон дар Афғонистон/А.С.Ғафурӣ.- Пишовар, 2005.- 62с.
15.Расулӣ, Навоб. Афғонистон ва кӯмакҳои ҷаҳонӣ/Н.Расулӣ.- Пишовар, 2005.- 81с.
16.Расулӣ, Навоб. Афғонистон ва кӯмакҳои ҷаҳонӣ/Н.Расулӣ.-Пишовар:Ал-Азҳар, 2016.- 81с.

17.Маҳдӣ, Дуогӯй. Рӯйдодҳои панҷ даҳсолаи ахир дар Афғонистон/Д.Маҳдӣ.-Пишовар, 2004.- 533 с.
18.Мисбоҳҳуллоҳ, Абдулбоқӣ. Афғонистон пас аз 11 сентябр/ А. Мисбоҳҳуллоҳ.- Кобул, 2014.- 168 с.
19.Насимӣ, Ҳафиз. Гӯшаи аз ҷараёноти омӯзиш ва парвариш дар Афғонистон/Ҳ. Насимӣ// Ирфон.- 2016.- №143-С.12.
20..Нотиқӣ, Ғаффор. Афғонистон дар давраи ҳукумати муваққатӣ.- Кобул, 2007.- 72с.
21.Сарвқад, Абулҳасан. Мируре бар низоми ваҳшии Толибон дар Афғонистон.- Машҳад, 2010.- 120с.
22.Нангёлай, Софӣ. Асноди таърихии се даҳаи ахири Афғонистон.- Пишовар, 2005.- 90с.
23.Сафия, Пупал. Толибон душмани маориф.-Пишовар, 2016.- С. 61.
24.Самадӣ, Аҳмад Фувод. Таҳавуллоти сиёсӣ дар Афғонистон.- Пишовар, 2008.- 215с.
25.Субранг, Сурайё.Натиҷаҳои манфии таҳаввулоти сиёсӣ дар Афғонистон//Ҳуқуқи башар.- 2010.№ 4.-С. 18.
26.https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/feature/2014/01/31/expanding-opportunities-education-kabul-afghanistan

**REFERENCES:**

1. Ajmir, Ghulam Muhammad. War on Education. - Pishovar, 2004. – 213 p.
2. Andeshmand, Muhammad Ikrom. Century Education in Afghanistan. - Kabul, 2011, - 403 p.
3. Aimak, Habiburrahman. The History of Afghan Education / H. Aimak. - Kabul, 2008, - 464 p.
4. Asrat Muhammad Husayn. Situation of Education in Afghanistan/ M.H.Asrat. - Kabul, 2010.-38 p.
5. Ahmadi, Wardak. Historical Tour of Education in Afghanistan. - Kabul, 2016. - 343 p.
6.Vafoi Shakir. The Biggest Events of the Last three Decades in Afghanistan / Sh. Vafoi.- Pishovar, 2007. - 250 p.
7. Vahdat, Sodiq. Afghanistan after 9/11 Vahdat. - Kabul, 2005. - 155 p.
8.The Ministry of Education. Education Law of the Islamic Republic of Afghanistan, Second Revision.- Kabul, 2007. - 88 p.
9. The Ministry of Education. Annual Performance Report for Education. - Kabul, 2016. - 54 p.
10. The Ministry of Education. Memorandum of Cooperation between the Ministry of Education and the World Bank // Education. 2002.-4 August (№ 244).
11. The Ministry of Justice of Islamic Emirate of Afghanistan // Mission. - 2001. - № 796. - P.13.
12. Gupol Sharmo, UNICEF Deputy Country Director for Afghanistan, at the press conference of the UN Office in Afghanistan on 20.4.2009] electronic source] https://unama.unmissions.org/sites/default/files/old_dnn/UNAMA/Press%20Conferences/UNAMA % 20PRESS (date of appeal: 07.08. 2019).
13. Komgor Muhammad Jamil. The History of Afghan Education. - Kabul, 2008. – 222 p.
14.Ghafuri, A.S. A Look at the Taliban`s Hostile Targets in Afghanistan. - Peshawar, 2005. – 62 p.
15. Apostle, Nawab. Afghanistan and Global Aid / N.Rasuli. - Pishovar, 2005. - 81 p.
16. Apostle, Nawab. Afghanistan and Global Aid / N.Rasuli. - Excerpt: Al-Azhar, 2016. – 81 p.
17. Mahdi Duogui. Events of the Last five Decades in Afghanistan/D.Mahdi. - Pishovar, 2004. - 533 p.
18. Misbahullah, Abdul Baqi. Afghanistan after September 11 / A. Misbahullah. - Kabul,2014. -168 p.
19. Nasimi, Hafiz. Corner from the Process of Education and Upbringing in Afghanistan / H. Nasimi // Cognition. - 2016. - №143. - P. 12.
20.Speaker, Gaffor. Afghanistan during Provisional Government. - Kabul, 2007. – 72 p.
21.Sarvqad, Abulhasan. A Review of Taliban`s Brutal Regime in Afghanistan.-Mashhad,2010.- 120 p.
22. Nangyolai, Sofi. Historical Documents of the Last three Decades of Afghanistan. - Peshawar, 2005. – 90 p.
23.Safia, Pupal. Taliban Are the Enemy of Education. - Pishovar, 2016. - P. 61.
24. Samadi, Ahmad Fuwad. Political Evolution in Afghanistan. - Peshawar, 2008. – 215 p.
25. Subrang, Surayo. Negative Consequences of Political Developments in Afghanistan // Human Rights. - 2010.№ 4. - P. 18.
26.https: //www.vsemirnyjbank.org/ru/news/feature/2014/01/31/expanding-opportunities-education-kabul-afghanistan